Тасдиқ мекунам
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
____________Ғафурзода А.Д.
«_17_» ___январи___соли 2023

# ХУЛОСАИ

Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Рӯзнома:**

Баррасии рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракуни факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)

**Диссертатсия** дар кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Унвонҷӯй Умарзода Сафаралӣ Умар соли 2014 Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш. Кӯлобро бо ихтисоси таъминоти математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматикунонидашуда ва соли 2016 зинаи магистратураи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлобро бо ихтисоси низом ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм намуда, фаъолияти илмии худро соли 2019 дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) таҳти роҳбарии Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба корҳои илмӣ

шуруъ кардааст (карори Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.02.2019, №7/16) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ оғоз намудааст.

**Дар ҷаласаи васеи** кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2022, протоколи №5 **иштирок доштанд:**

1. Абилзода Г.С. – мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент;
2. Сафарзода Д.Ҷ. - ноиби якум, ноиби ректор оид ба таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
3. Аҳмадзода З.К. - ноиби ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
4. Юнусова Н.М доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,;
5. Файзализода Ҷ.Х. – директори Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
6. Маҷидова Б. – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
7. Сайдаҳмадзода Д. – директори Маркази “Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон”, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
8. Шарифхоҷаева С.А. – декани факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
9. Кармишева Б.Н. – мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
10. Ғанизода И.Ғ –директори Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;

11. Ғаниева Б.Ҷ. – д тсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
12. Мирзоева Ш.Г. – муаллими калони кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
13. Келдиев И.М.– ассистенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҳамагӣ: 13- нафар.

**Раиси ҷаласа:** Абилзода Гуландом Сардор – номзади илмҳои фалсафа, дотсент.

**Котиби ҷаласа:** Келдиев Иброҳим Маҳмадзафарович

**Шунида шуд:** Маърузаи Умарзода Сафаралӣ Умар вобаста ба диссертатсия дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ».

Довталаб натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиашро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот:** Истифодаи мувофиқи технологияҳо имрӯз барои бисёр ширкатҳо воситаи ҳаётан муҳими ноил шудан ба муваффакиятҳо ва инчунин хабардор шудан аз дастовардҳои навтарини технологӣ дар бозор аст. Аз ҷумла, дар муҳити мактаби олӣ низ технологияҳои компютерӣ, аз ҷумла бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Як қисми технологияҳо барои дастгирии ҷараёни таълим ва сохтори он (яъне бештар барои ҳалли масъалаҳои маъмурӣ) пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, технологияҳое низ мавҷуданд, ки онҳоро бевосита дар ҷараёни таълим истифода бурдан мумкин аст ва яке аз чунин технологияҳо бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ буда, он дар бисёр соҳаҳои таълим истифода шуда метавонад. Бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ ба донишҷӯён барои таҳқиқ ва татбиқи донишҳои назариявии худ дар муҳити бехатари моделсозишуда, ки воқеиятро инъикос мекунад, имконият фароҳам меоранд.

Бо вуҷуди ин, барои ба даст даровардани даромад аз истифодаи равишҳои компютерии таълим, истифодабарандагони ин равишҳо чӣ гуна истифода бурдани онҳоро бояд донанд, ки ин мавҷудияти роҳбарию роҳнамоии мувофиқ ва дастурамалҳои заруриро барои омӯзгорону донишҷӯён зимнан дар назар дорад. Ба ғайр аз ин, барои таъмини истифодаи доимӣ ва инкишофи технологияҳо дар муҳити мушаххас, татбиқи онҳоро назорат кардан муҳим

аст. Зеро ин раванд ба бозиҳои компютерӣ-коромӯзии компютерӣ низ дахл дорад.

Имрӯз ба бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ ҳамчун ба воситаи васеъ истифодашавандаи таълим дар мактабҳои олӣ бартарӣ медиҳанд, бинобар ин, тасмим гирифтем, ки онро муфассалтар омӯзем. Чунин бозиро истифода бурда, омӯзгорон на ҳамеша ба интизориҳои худ ноил мешаванд. Зиёда аз ин, ҳолатҳое ҳам ба назар мерасанд, ки донишҷӯён аз истифодаи бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ дар дарс қаноатманд нестанд ва он ҳамчун усули таълим талаботи онҳоро қонеъ намегардонад. Ин масъала барои муҳокима хеле муҳим аст, хусусан, агар яке аз ҳадафҳои истифодаи бозӣ барои донишҷӯён шавқовартар гардондани ҷараёни таълим бошад, аз ҷониби дигар, сайъ намудан барои фаҳмидани сабабҳои нуқтаи назари омӯзгорон аз бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ ҷиҳати баланд бардоштани омодагии донишҷӯён ба таълим пешбинӣ шудааст. Вале донишҷӯён онро на ҳамеша воситаи хуби таълимӣ меҳисобанд.

Таъмини самаранокии ҷараёни таълим бо истифодаи бозиҳои коромӯзии компютерӣ (минбаъд – БКК), ба амал баровардани фаъолияти инноватсионӣ ва сохтани маҳсулоти инноватсионӣ дар ин замина яке аз омилҳоест, ки ба таъмини алоқаи илм ва истеҳсолот мусоидат мекунад. Дар натиҷаи чунин фаъолият донишҳои нави илмӣ эҷод гардида, минбаъд дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа истифода бурда мешаванд. Намудҳои муосири воситаҳои иттилоотӣ ва компютерӣ танҳо баъди татбиқи амалӣ фоидаи иҷтимоию иқтисодӣ оварда, пешрафтро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи маориф ва илм таъмин мекунанд. Бо истифодаи мақсаднок ва самараноки БКК дар ҷараёни таълими мактаби олӣ вазифаҳои мураккаб ва гуногуни таълимиро ҳал карда, сифати таҳсил ва сатҳи омодагии донишҷӯён – мутахассисониояндаро баланд бардоштан мумкин аст.

Иқтидори таълимии БКК фавқулода баланд аст, ки рисолаҳои илмии сершумор ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ шаҳодати ин гуфтаҳоянд. Ҳамзамон, таҳлили рисолаҳо ва мақолаҳое, ки ба масъалаи истифодаи компютер ва бозиҳои компютерӣ дар таълим бахшида шудаанд, (Ф.Ф.Шарипов, Ш.Ю.Юнусов, И.И.Олимов, Т.М.Назарова, Ш.С.Муродова, М.Муллоҷонов, Х.Ю.Ҷӯраева ва дигарон) нишон медиҳад, ки дар аксари онҳо танҳо ба ташкили муколамаи донишҷӯ бо компютер дар ҷараёни таълим таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Яъне, аксари муаллифон фақат ҷараёни таълимро бе омӯзиши барномасозӣ бе таҳлили навсозии педагогӣ ва мутобиқгардонии воситаҳои барномавии мавҷуда баррасӣ мекунанд.

Дар адабиёти интишоргардида як қисми муаллифон масъалаҳои ба моделсозӣ вобастаро баррасӣ мекунанду қисми дигари онҳо ба бозиҳои

компютерӣ-коромӯзӣ рӯй меоранд. Бо назардошти ин, баррасии ҳамаи ин масъалаҳоро бо ҳамон як типи замимаҳо – воситаи сунъисозандаи ягон амал дар муҳити муайян ҷамъбаст кардан мумкин аст. Бисёр вакт истилоҳи "симулятсия" дар мавриде истифода бурда мешавад, ки муаллифон онро аз нуктаи назари математикӣ ё илмӣ баррасӣ мекунанд. Дар ҳоле истилоҳи "бозӣ-симулятор" бештар вакте кор фармуда мешавад, ки сухан ба фаъолият дахл дошта бошад. Таърихан бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ дар ҷараёни таълими фанҳои муайяни илмӣ (инженерия, илмҳои биологӣ) ва барои омодагии касбии сатҳи баланди хатарнокидошта (ҳарбӣ, авиатсионӣ ва тамринӣ) истифода бурда мешуданд. Бо вуҷуди ин, вакте фаъолият-симулятсия баррасӣ мешавад, баъзе муаллифон онро симулятсия меноманд. Дар ин таҳқиқот мо истилоҳҳоеро истифода бурдан мехоҳем, ки онҳоро муаллифони дигар дар таҳқиқотҳои худ истифода бурдаанд. Ба ғайр аз ин, диққати асосӣ дар таҳқиқот ба баррасии БКК ва ҳамдигаривазкунии онҳо ҳамчун симулятсияҳо ва бозиҳои симулятсионӣ равона карда мешавад. БКК, аслан, сохтори якхелаи заминавӣ дорад. Онҳо тавре сохта шудаанд, ки муҳити воқеӣ ё фарзиро барои рақобат карда тавонистани бозингарон фароҳам оранд. Бозингарон дар ин бозиҳо одатан маҳсулот ё хизматҳоро таҳия ва пешниҳод мекунанд, вобаста ба ин, маҳсулот карорҳо ва амалҳои гуногунро қабул ва иҷро менамоянд. Инчунин, БКК содагардонии баъзе вазифаҳои абстрактро имконпазир мегардонанд, то ин ки мазмуни онҳо ҳатто, барои истифодабарандаи навкор дар ягон соҳа фаҳмо бошад.

**Ҳадафи таҳқиқот** – исботи назариявӣ ва санҷиши экспериментали истифодаи БКК дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

**Объекти таҳқиқот** – ҷараёни таълим дар мактаби олии муосир дар шароитҳои татбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** – асосҳои педагогии татбиқ ва истифодаи БКК дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.** Факултети иқтисод ва идора (ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва идоракунӣ дар соҳаи маориф)-и ДДОТ ба номи С.Айнӣ (ш.Душанбе) ва факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе) пойгоҳи таҳқиқот интихоб гардида, дар озмоиши педагогӣ 60 нафар донишҷӯёни муассисаҳси таълимии мазкур иштирок карданд.

**Масъалаҳои таҳқикот** дар рисола аз усулҳои гуногун, ба монанди таҳлили муқоисавӣ-қиёсии ретроспективӣ, эмпирикӣ: пурсишнома, мусоҳиба, суҳбати ташхисӣ, мушоҳида, таҳлили озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарди маълумотҳои бадастомада ва ғайра истифода шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот бо дуруст гузоштани вазифаҳо, истифодаи маълумотҳои омори расмӣ; асоснокии мавқеъҳои методологии ибтидоӣ; мутобиқат ба маҷмуи усулҳои истифодашуда оид ба предмети таҳқиқот, вазифаҳои гузошташуда ва таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мешавад. Ба ғайр аз ин, мувофиқати натиҷаҳои таҳқиқот ба натиҷаҳои дигар таҳқиқотҳои ба ҳам наздики муаллиф, ба муқарраротҳи ибтидоии назариявӣ муайян гардид.

Ҳамзамон, бо усулҳои методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам алоқаманди таҳқиқоти илмӣ, ки ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда ҷавобгӯянд, мутобиқати натиҷаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумотҳои дар ҷараёни таҳқиқоти озмоишӣ ҳосилшуда таъмин мегардад.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** - консепсияи инкишофи шахсият дар бозӣ (Л.С. Виготский, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, Д.Б. Элконин ва дигарон), таҳқиқи назарияи БКК (А.А. Вербитский, А.Д. Гартсов, Ю.В. Геронимус, С.Р. Гидрович, Д.Н. Кавтарадзе, М.М. Крюков, А.П. Панфилова, Л.В. Федорова ва дигарон), консепсияи фаъолияти бозии компютерӣ-коромӯзӣ ва хусусиятҳои тағйири шахсият дар ҷараёни ҳамкорӣ бо технологияҳои иттилостию компютерӣ (А.О. Рикун, Л.П. Тимофеева, А.Г. Шмелев ва дигарон), таҳқиқи масъалаҳои истифодаи БКК дар соҳаи таҳсилоти олӣ (Т.М.Назарова, И.А.Ҳасанов, Ш.С.Муродова, К.Б.Қодиров ва дигарон), таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ оид ба таҳия ва истифодаи БКК (Колер Б., Лонг Гавин, Че Пӣ Нейм, Арсанд Пол Андрей, Юсоф Амрӣ ва дигарон).

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки ҳангоми таҳқиқи асосҳои педагогии истифодаи БКК дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ:

1. Мафҳуми сохтор ва моҳияти усулҳои истифодаи БКК дар ҷараёни таълими фанҳо ба донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.
2. Имкониятҳои инкишофи салоҳиятнокии иттилоотию компютерии донишҷӯён бо истифодаи БКК дар муҳити иттилоотию таълимӣ муайян гардиданд.
3. Барои истифодаи БКК ва воситаҳои технологӣ дар реҷаҳои онлайн ва офлайн дар муҳити иттилоотию таълимӣ, инчунин, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамгироӣ бо намудҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.
4. Шароитҳои педагогии истифодаи БКК (барномавию мазмунӣ, методӣ, шахсиятию инкишофдиҳанда, аксиологӣ ва таъминкунандаи самаранокӣ), ки

ба мутобикгардонии чараёни омодагии донишчӯён равона шудаанд, муайян гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ** аз он иборат аст, ки ӯ бори аввал дар заминаи таҳлилу ташхиси тадкикотҳои илмии психологӣ-педагогӣ низоми зеҳнии мутобикшавандаи раванди таълим бо истифодаи БКК дар таълими фанҳои тадрисш вандаро муайян намудааст; имкониятҳои татбики курси ҳамгирои «Самаранок истифода бурдани бозиҳои коромӯзӣ дар компютер бо максади омӯхтани технологияҳои муосир» бо истифодаи БКК дар чараёни таълими фанҳо бо дастрасӣ ба сарчашмаҳои маводи электронӣ мукаррар кардааст; заминаҳои ташаккули малакаҳои ибтидоии барномасозии донишчӯёни мактаби олии муосирро таҳлил ва арзёбӣ намудааст; натичагирӣ аз кори озмоишӣ-тачрибавӣ, ки дар рисолаи илмӣ ва интишороти муаллиф инъикос гардидаанд, минбаъд дар таҳкику баррасии пахлуҳои илмӣ-методии масъалаи пажуҳишшуда мусоидат хоҳанд кард.

**Интишорот ва таъйиди натичаҳои диссертатсия.** Натичаҳои таҳкикотӣ дар 27 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 9-тояшро маколаҳои илмии дар мачаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон банашррасида ва бокимондаро дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводи конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Хулосаи умумии чаласа.** Диссертатсияи унвончӯй Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишчӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» кори илмии баанчомрасида буда, ба ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дакик (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) пурра мувофикат мекунад.

**КАРОРИ ЧАЛАСА**

1. Диссертатсияи номзадии Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишчӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» таҳкикоти илмӣ-тахассусии анчомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» (Карори Ҳукумати ЧТ, №267 аз 30.06.2021) чавобгӯ мебошад ва ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дакик (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) омода гардидааст.

2. Матни диссертатсия аз таҳкикоти мустакилонаи илмию тахассусӣ ва соҳавӣ иборат буда, маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки пахнкунии он тибки

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

3. Диссертатсияи номзадии Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» ба шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-48 дар назди ДДБ ба номи Н. Хусрав аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад. Муаллифи диссертатсия бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2022, протоколи №5 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 3 нафар доктори илм, 8 нафар номзади илм, 1 нафар муаллими калон, 1 нафар ассистент.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» –нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №5, аз 31.12.2022.

Раиси ҷаласа,
н.и.ф., дотсент Абилзода Г.С.

Котиби ҷаласа Келдиев И.М.

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе кӯчаи Саид Носир, 33**
**телефон: (+992 37) 2289220**
**Почтаи электронӣ: info@apa.tj**

# НУСХА

### аз қарори ҷаласаи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31-уми декабри соли 2022, №5

**Раиси ҷаласа:** н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунӣ Абилзода Г.С.
**Котиб:** Келдиев И.М.

**Иштирок доштанд:**

1. Абилзода Г.С., н.и.ф. - дотсент;
2. Сафарзода Д.Ҷ., н.и.п. - дотсент;
3. Аҳмадзода З.К., н.и.п. - дотсент;
4. Файзализода Ҷ.Х. - д.и.п., профессор;
5. Юнусова Н.М. - д.и.п, профессор;
6. Маҷидова Б. - д.и.п, профессор;
7. Кармишева Б.Н. - н.и.п., дотсент;
8. Ғаниева Б.Ҷ. - н.и.п., дотсент;
9. Шарифхоҷаева С.А. - н.и.п., дотсент;
10. Сайдаҳмадзода Д. - н.и.п., дотсент;
11. Ғанизода И.Ғ - н.и.п., дотсент;
12. Мирзоева Ш.Г. - муаллимаи калон;
13. Келдиев И.М. - ассистенти кафедра;

**Рузномаи ҷаласа:**

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯ Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуйи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ).

**1. Раискунанда:** Ҳозирини гиромӣ! Дар ҷаласаи имрӯза муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) пешбинӣ гардидааст.

Унвонҷӯ Умарзода Сафаралӣ Умар соли 2014 Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ш. Кӯлобро бо ихтисоси таъминоти математикӣ

ва барномавии истеҳсолоти автоматикунонидашуда ва соли 2016 зинаи магистратураи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлобро бо ихтисоси низом ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ – Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин гардидааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия Умарзода Сафаралӣ Умар унвонҷӯи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, то ҳол дар вазифаҳои гуногун дар муассисаи мазкур фаъолияти пурсамар намуда истодааст.

Муқарризони холис Рафиев С.А. - муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Шарипов Б.Р. – мудири кафедраи технологияҳои барномасозӣ, зеҳни сунъӣ ва математикаи олии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мебошанд.

Сухан барои баён намудани мазмуни мухтасари рисола ба унвонҷӯ Умарзода Сафаралӣ Умар дода мешавад.

**Шунида шуд:** Унвонҷӯй Умарзода Сафаралӣ Умар иштирокчиёнро бо мазмуни асосии рисолаи худ шинос намуд.

Сохтори рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (159 номгӯй) иборат буда, 174 саҳифаи компютериро фаро мегирад.

Дар муқаддима мубрамият, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзуи таҳқиқот муайян гардидааст. Фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода ёфта, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои таҳқиқот нишон дода шуда, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд. Масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд.

Барои расидан ба ҳадафи таҳқиқот ва ҳаллу фасли масъалаҳои гузошташуда, методҳои пажӯҳишии зерин ба кор бурда шуданд: таҳлили назариявии адабиёти илмию методӣ; таҳқиқоти илмӣ; омӯзиши таҷрибаи педагогӣ; методҳои ташхисӣ; методҳои таҷрибагузории педагогӣ; методҳои пурсиш, таҳлил ва мушоҳида.

Дар боби аввал "**Асосҳои назариявии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ**" ба

ташкили пойгоҳи адабиёти барои таҳлил равона гардида, аз муҳокимаи алоҳидаи консепсияҳои бозӣ ва моделсозӣ оғоз меёбад ва ба бозиҳо-симуляторҳо гузашта, ба БКК ва истифодаи онҳо дар ҷараёни таълими мактаби олӣ диққати махсус медиҳад. Дар идома бартариҳо ва норасоиҳои БКК пешниҳод шуда, илова ба ин, назария ва равишҳои таълим низ баррасӣ ва якчанд воситаҳои таълим муаррифӣ карда мешаванд.

Дар боби дуюм "**Заминаҳои методии амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ**" мо кӯшиш ба харҷ додем, ки сабабҳои ихтилоф дар афкори омӯзгорон ва донишҷӯёнро таҳлил карда, баъзе далелҳоро аз нуқтаи назари шахсии онҳо пешниҳод намоем. Ба ғайр аз ин, омилҳои муҳими муваффақият муайян гардиданд, ки омӯзгорон онҳоро ҳангоми татбиқи БКК дар ҷараёни таълими мактаби олӣ бояд ба назар гиранд.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:

**[1-М].** Сафарали У. Робитаҳои байнифаннӣ – шарти дидактикии такомули таҳсилоти табиатшиносӣ/ Сафарали У.// Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 2020. - №2 (46). – С. 189-195.

**[2-М].** Сафарали У. Алоқамандии байнифаннӣ – шарти такомулоти илмҳои дақиқ/ Сафарали У.// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2020. - №4 (4). - С. 127-129.

**[3-М].** Сафарали У. Ҳамгироии илмҳои табиатшиносӣ ва асосҳои методологии татбиқи он/ Сафарали У.// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - 2020. - №4 (80). - С. 144-147.

**[4-М].** Умарзода С.У. Асосҳои назариявии имкониятҳои эҷодӣ ва мукаммалкунии дониши хонандагону донишҷӯён дар ҷараёни таълим/ Умарзода С.У.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2021. - №2. - С. 292-298.

**[5-М].** Умарзода С.У. Истифодаи барномаи ҳисобкунӣ дар ҳалли масъалаҳо аз статика/ Умарзода С.У.// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2022. - №1 (11). – С. 156-165.

**[6-М].** Умарзода С.У. Теоретические основы использования компьютерно – учебных игр в процессе обучения/ Умарзода С.У.// Вестник Таджикского национального университета. - 2022. - №6. – С. 334-342.

**[7-М].** Умарзода С.У. Дидактические условия способствующие подготовке будущих преподавателей к работе в условиях кредитной системы/ Умарзода С.У.// Вестник педагогического университета. - 2022. - №2 (12). - С. 200-204.

**[8-М].** Мирзоев А.Р., Умарзода С.У. Заминаҳои рушди технологияҳои компютерӣ дар татбиқи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни мактаби олӣ/ Мирзоев А.Р., Умарзода С.У.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2022. - №11. - С. 246-252.

**[9-М].** Умарзода С.У. Шароитҳои психологӣ-педагогии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни мактаби олӣ/ Умарзода С.У.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2023. - №2. - С. 282-290.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[10-М].** Сафарали У. WEB – Сомонаҳо ҳамчун манбаҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳуруии Тоҷикистон/ Сафарали У.// Тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир тавассути ҳамгироии системаи таълимотии Тоҷикистону Россия (маводҳои конференсияи илмию амалии байналмилалӣ). – Душанбе, 2019. – С. 323-325.

**[11-М].** Сафарали У. Межпредметные связи естественных и математических наук/ Сафарали У.// Ба муносибати 30 солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). - Душанбе, 2019. – С. 117-118.

**[12-М].** Сафарали У. Марҳилаҳои татбиқи консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ/ Сафарали У.// Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ). – Кӯлоб, 2020. – С. 364-367.

**[13-М].** Сафарали У. Свойства кристаллов, подвергнутых обработке в газовом разряде/ Сафарали У.// Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ).- Кӯлоб, 2020. – С. 58-59.

**[14-М].** Сафарали У. Имзои электронии рақамӣ ва ҳолати татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Сафарали У.// Механизмҳои таъмини рушди самараноки идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ (маводи конференсияи академиявии илмӣ – амалии моҳи апрелӣ). - Душанбе, 2020. – С. 107-110.

**[15-М].** Сафарали У. Кредитная технология обучения как фактор повышения качества подготовки учителя физики/ Сафарали У.// Наука и образование в современном мире (материалы VI международной научно – практической конференции). - Казахстан, 2020. – С. 134-138.

**[16-М].** Сафарали У. Совершенствование профессионально – педагогической подготовки преподавателей к работе в условиях кредитной технологии

обучения/ Сафарали У.// Наука и образование в современном мире (материалы VI международной научно – практической конференции). - Казахстан, 2020. – С. 178-181.

**[17-М].** Сафарали У. Обучение приемам мыслительной деятельности учащихся на уроках физики/ Сафарали У.// Наука и образование в современном мире (материалы VI международной научно – практической конференции). - Казахстан, 2020. – С. 131-133.

**[18-М].** Сафарали У. Пардохтҳои бонкӣ дар асоси пулҳои электронӣ ва системаҳои пардохти электронӣ/ Сафарали У.// Масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ (маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ). - Душанбе 2020. -С. 327-329.

**[19-М].** Сафарали У. Таърихи пайдоиши тараққиёти техникаи ҳисоббарор ва зинаҳои инкишофи МЭҲ/ Сафарали У.// Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар (маводи онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналмилалӣ). – Душанбе, 2020. – С. 159-163.

**[20-М].** Сафарали У. Ҷомеаи иттилоотӣ ва аҳмияти инқилобҳои иттилоотӣ/ Сафарали У.// Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар (маводи онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналмилалӣ). – Душанбе, 2020. – С. 180-184.

**[21-М].** Умарзода С.У. Ҳифзи иттилоот дар раванди хизмати давлатӣ/ Умарзода С.У.// Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, моделҳои муосири самараноки он (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ). - Душанбе, 2021. - С. 241-245.

**[22-М].** Умарзода С.У. Повышение качества подготовки будущего учителя в условиях кредитной технологии обучения/ Умарзода С.У.// Идоракунии зиддибуҳронӣ таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ). – Душанбе, 2021. – С. 389-395.

**[23-М].** Умарзода С.У. Усулҳои омӯзиши асосҳои энергетикаи ҳастаӣ дар курси физикаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ/ Умарзода С.У.// Идоракунии зиддибуҳронӣ таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ). – Душанбе, 2021. – С. 413-417.

**[24-М].** Умарзода С.У. Давраҳои тараққиёти криптография ва стеганография/ Умарзода С.У.// Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир консепсияҳо, воқеият ва дурнамо (маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). - Душанбе, 2021. С. 404-414.

**[25-М].** Умарзода С.У. Тиҷорат дар интернет ва омилҳои тараққиёти тиҷорати электронӣ/ Умарзода С.У.// Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир

консепсияҳо, воқеият ва дурнамо (маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). - Душанбе, 2021. С. 414-422.
**[26-М].** Умарзода С.У. Ҳалли муодилаҳои квадратӣ дар забони барномасозии delphi/ Умарзода С.У.// Бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ).– Душанбе, 2022. – С. 364-370.
**[27-М].** Умарзода С.У. Умумият ва фарқиятҳои забонҳои барномасозии delphi ва visual basic/ Умарзода С.У.// Бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ).– Душанбе, 2022. – С. 371-377.

Диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзӯи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ, ба шифри 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мутобиқат мекунад, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Дар ҷараёни муҳокимаи диссертатсия саволҳои зерин дода шуданд:**

**Аҳмадзода З.К.** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**Савол:** Навгониҳои илмии таҳқиқоти худро номбар намоед?

**Ҷавоб: Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки ҳангоми таҳқиқи асосҳои педагогии истифодаи БКК дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ:

1. Мафҳуми сохтор ва моҳияти усулҳои истифодаи БКК дар ҷараёни таълими фанҳо ба донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.

2. Имкониятҳои инкишофи салоҳиятнокии иттилоотию компютерии донишҷӯён бо истифодаи БКК дар муҳити иттилоотию таълимӣ муайян гардиданд.

3. Барои истифодаи БКК ва воситаҳои технологӣ дар реҷаҳои онлайн ва офлайн дар муҳити иттилоотию таълимӣ, инчунин технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамгирой бо намудҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.

4. Шароитҳои педагогии истифодаи БКК (барномавию мазмунӣ, методӣ, шахсиятию инкишофдиҳанда, аксиологӣ ва таъминкунандаи

самаранокӣ), ки ба мутобиқгардонии ҷараёни омодагии донишҷӯён равона шудаанд, муайян гардиданд.

**Маҷидова Б.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**Савол**: Мақсади таҳқиқоти Шумо дар чӣ зоҳир меёбад?

**Ҷавоб: Мақсади таҳқиқот** – исботи назариявӣ ва санҷиши эксперименталии истифодаи БКК дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

Сухан ба роҳбари илмӣ Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор дода мешавад (хулоса замима мегардад).

**Сухан ба муқарризони кори диссертатсионӣ:** дар баромади худ муқарризони кори диссертатсионӣ Файзализода Ҷ.Х. – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафарзода Д.Ҷ. номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ корро анҷомёфта ҳисобида, баъди анҷомиислоҳи тағйиротҳои ҷузъӣ ба ҳимоя пешниҳод намуданд.

Дар асоси баромади унвонҷӯ, муқарризон ва қабули хулоса оид ба диссертатсия ҷаласа

**ҚАРОР КАРД:**

Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мутобиқат мекунад.

1. Ба диссертант Умарзода Сафаралӣ Умар супориш дода шавад, ки дар мухлати муайяншуда, тамоми пешниҳоди муқарризонро мавриди иҷро қарор дода, тағйиру иловаҳоро ба рисола ворид созад.
2. Дар маҷмуъ кор анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дифоъ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд - 13 нафар.
Қарор бо як овоз қабул шуд.
«Тарафдор» -13 нафар.
«Зид»- нест.
«Бетараф»-нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи психология
ва сотсиологияи идоракунии факултети
идоракунии давлатии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Номзади илмҳои фалсафа, дотсент Абилзода Г.С.

Котиби ҷаласа Келдиев И.М.

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе кучаи Саид Носир, 33**
**телефон: (+992 37) 2289220**
**почтаи электронӣ: info@apa.tj**

Имзои Абилзода Гуландом Сардор ва Келдиев И.М.-ро
тасдиқ менамоям:
**Сардори раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва корҳои махсуси**
**Академияи идоракунии**
**давлатии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** Ҳамидов Ш.Б.